## Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвончӯ Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10. 01. 01— Адабиёти тоҷик.

Таърихи адабиёти тоҷик пур аз ҳодисаҳои адабии оламгир мебошад, ки дар дарозои замон аз манотиқи гуногуни ҷаҳон ба дид мерасанд ва ҷаҳониён аз мутолиа ва таъсири он дар шигифт ҳастанд. Тарҷумаи осори бадеӣ аз як забон ба забони дигар агарчи ҳодисаи нав ва нодире нест, вале дар мариди рисолаи ҳозир, ки ба баррасии тарҷумаи асарҳои аз забони санскрит ва ҳиндӣ ба форсии тоҷикӣ ва ба хусус баргардонҳои форсии яке аз шоҳкорҳои адабии ҷаҳон –ҳамосаи ишқии ҳудудан дуюним ҳазор сол пеш таълифшудаи адабиёти бостонии Ҳинди қадим “Рамаяна” оид мебошад, дар воқеъ, таҳқиқоти тоза ва сухани тоза дар риштаи адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин манзума аз замони таълифи он дар сарзамини Ҳинд аз маҳбубияти хос бархурдор ва аз ҷумлаи осори муқаддас дониста мешавад. Қаҳрамонони он намоди садоқати ҳамсар вафодорӣ ва садоқати шавҳар ба оила ва фарзандон ва бародарӣ дар байни ҳиндувон гардидааст. Ин асар ба адабиёти ҳундувон ба забонҳои гуногуни он кишвар таъсиру нуфузи зиёд дошта, ҳанӯз аз замонҳои бостон ба забонҳои дигар тарҷумаҳои фаровон дорад ва аз асарҳои муҳимми адабии на танҳои кишвари Ҳиндустон, балки ҷаҳон шуморида мешавад. Машҳуртарини матнҳои баргардони он ба забони тамилӣ ба қалами Кампан, ба забони банголӣ тавассути Картибос ва ба забони ҳиндӣ аз тарафи Тулсидос ба номи Ром Чутармани мебошанд, ки маъруф ҳастанд. Достони «Рамаяна» аз 24 ҳазор байт (ба навиштаи Абдулқодири Бадоунӣ, нахустин мутарҷими форсии ин асар дар “Мунтахабу-т-таворих” 25 ҳазор шилук) дар ҳафт бахш офарида шудааст. Тарҷумаи Шайх Саъдуллоҳ Масеҳои Понипатӣ таҳти унвони “Ром ва Сито” дар навъи маснавӣ аз беҳтарин ва мондагортарин осори адабии форсии тоҷикӣ мебошад, ки рисолаи унвончӯ Манонзода Абубакр Манон ба таҳлилу таҳқиқ, пажуҳиш дар вижагиҳои адабию ҳунарии он ихтисос ёфтааст. Муҳаққиқ аз уҳдаи вазифаи дар пеши худ гузошта ба хубӣ баромадааст, ки онро дар баррасии пайвандҳои адабию ҳунарии Ҳинди бостон бо мардумони эронӣ дар даврони қадим бар мабнои манбаъҳои таърихию бостоншиносӣ ва идомаи он дар даврони Сосониён (224 – 651) бар мабнои “Шоҳнома” ва дар даврони ҳукуматҳои эронии Ҳинд бар асоси сарчашмаҳои муътамаду мувассахи таърихӣ ва адабӣ мебинем. Ҳамоно дастоварди аслии муаллифи рисола дар муаррифӣ, таҳқиқу баррасии тарҷумаҳои форсии “Рамаяна” аз

асрҳои миёна то рӯзҳои мо мебошад. Ниҳоят хулоса ва андешаҳои муаллифи рисола дар таҳлилу таҳқиқи манзумаи “Ром ва Сито” масъалаҳои вазну қофия, радиф, санъатҳои бадеӣ ва вижагиҳои бзабону баёни он шоистаи тақдиру таҳсин мебошад.

Унвонҷӯ дар қисмати хулоса натиҷаи пажуҳиши хешро дар қолаби бандҳои алоҳида баён ва пешниҳод кардааст, ки ҳама илмӣ, мантиқӣ ва муътамад мебошанд. Хулосаҳои муаллиф амиқу дақиқ буда, дар сатҳи баланди илмӣ нигошта шудаанд. Автореферати унвонҷӯ мазмун ва муҳтавои диссертатсияро ба таври фишурда ва мушаххас дар бар гирифта, аз лиҳози илмӣ мукаммал мебошад. Диссертатсияи унвонҷӯ Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

номзади илмҳои филологӣ, муовини

илмии директори Институти

забон ва адабиёти ба номи

А. Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Ш.

14.04.2023

**Имзои Муҳаммадиев Ш.-ро**
**тасдиқ менамоям**:
нозири кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21 тел.: +992 (37) 227 -29-07, 221-70-30
E-mail: iza rudaki17@mail.ru,http: www.izar.tj